**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Садирова Сумайро Саидаҳмадовна дар мавзуи "Таъсири гардолудкунандаҳо ба пайдошавии унсурҳои ҳосил дар дурагаҳои гетерозисии пахта дар шароити водии Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Пахтапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти муҳими растанипарварӣ дар заминҳои обӣ боқӣ монда, тибқи дурнамо заминаҳои минбаъд зиёд гардонидани масоҳати майдони кишти он тарҳрезӣ гардидааст. Дар баробари зиёд намудани масоҳати майдони кишт, баланд бардоштани маҳсулнокии майдонҳои кишт бо истифода аз иқтидорҳои истифода нагардида, яке аз ҳадафҳои асосии илм ва истеҳсолоти кишоварзӣ аст. Баланд бардоштани ҳосилнокии пахта заминаи ташаккули рушди устувори растанипарварӣ дар Тоҷикистон буда, яке аз иқтидорҳои истифоданагардида дар ин самт, истифода нагардидани дурагаҳои қувваи гетерозисӣ дошта дар пахтапарварӣ дониста шудааст. Бинобарин, масъалаи мавриди таҳқиқ қарордодаи диссертант Садирова С.С. - таъсири гардолудкунандаҳо ба пайдошавии унсурҳои ҳосил дар дурагаҳои гетерозисии пахта дар шароити водии Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон, қадами устувори илмию амалӣ дар самти рӯёнидан ва ба даст овардани тухмии дурагаҳои гетерозисии пахта дар ҷумҳурӣ ва берун аз он мебошад.

Масъалаи рӯёнидани тухмии дурагаҳои гетерозисии пахта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он масъалаи нав нест, муаллифи кори диссертатсионӣ низ дар ин маврид дар автореферати диссертатсия қайд карда мегузарад. Аммо масъалаи таъмини самаранокии рӯёнидани тухмии дурагаҳои гетерозисии пахта тавассути истифодаи гардолудкунандаҳо, аз ҷумла занбӯри асал, ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз он масъалаи тозаи илмию амалӣ мебошад, ки ниҳоят кам мавриди таваҷҷӯҳи илм ва истеҳсолоти кишоварзӣ қарор гирифтааст. Бо назардошти ин бешубҳа қайд мекунем, ки диссертант Садирова С.С. масъалаи ниҳоят актуалиро дар иҷрои кори диссертатсионии хеш ҳаллу фасл намуда, равишҳои тозаи иқтидори истифода нагардидаи соҳаи пахтапарвариро бо таъмини самаранокии меҳнат ва маҳсулот барои истифода имконпазир гардонид.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия бар меояд, ки муаллиф барои расидан ба мақсади гузошташудаи хеш, аз усулҳои ниҳоят мураккаби илмию амалӣ истифода намудааст, ки бояд минбаъд таваҷҷӯҳи илм ва истеҳсолотро зиёд ба худ ҷалб намояд. Барои мисол, яке аз вазифаҳои таҳқиқотро диссертант чунин тарҳрезӣ намудааст: - муайян намудани роҳҳои ҷалби оилаҳои занбӯри асал барои гардолудкунии пахта бо мақсади баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ дар истеҳсоли

тухмии дурагаҳои гетерозисии пахта. Бешубҳа, чунин вазифагузорӣ олим, таҳқиқотчӣ ва истеҳсолотчиро водор мекунад, ки сари масъалаи гузошташуда ба андеша равад. Дар қисматҳои минбаъдаи кори диссертатсионӣ муаллиф усулҳои ниҳоят сӯдда ва амалан осон иҷрошавандаро ҳамчун муҳимтарин усули таҳқиқот пешниҳод менамояд, ки шунавандаро ба ваҷҳ меорад.

Бо истифода аз гардолудкунандаҳо раванди ташаккулёбии унсурҳои ҳосилро дар насли дурагаҳои гетерозисии байни намудӣ ва дохилинамудӣ метезонад, ҳосилнокиро афзоиш медиҳад, арзиши аслии тухмии истеҳсолшудаи дурагаҳои гетерозисиро коҳиш медиҳад ва ниҳоят усули тоза, камхарҷ ва ниҳоят самараноки рӯёнидани тухмии дурагаҳои гетерозисии пахтаро барои илм ва истеҳсолоти кишоварзӣ пешниҳод мекунад. Ҳатто аз объектҳои таҳқиқоти хеш комбинатсияҳои навъию намудии дар онҳо қувваи гетерозис зоҳиршударо ба истеҳсолотчиён пешниҳод менамояд, ки бидуни сарфи хароҷоти иловагии моливу меҳнатӣ имконияти таъмин намудани 40-42 с/га ҳосили босифати пахтаро доранд.

Хулоса, муаллифи кори диссертатсионӣ Садирова С.С. таҳқиқоти бисёр муҳими илмиву амалиро иҷро намуда, ба илм ва истеҳсолоти кишоварзӣ тавсияҳои дақиқро пешниҳод намудааст. Бинобарин, аз муҳтавои автореферати кори диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳоднамудаи диссертант Садирова С.С. бешубҳа хулоса кардан мумкин аст, ки кори илмии ба анҷомрасида буда, аҳамияти баланди илмию амалӣ дорад. Натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф барои илм ва истеҳсолоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он муҳим мебошад, бинобар ин сазовори баҳои баланд буда, дар асоси талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи биохимия ва генетикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03. 01. 05 – физиология ва биохимияи растанӣ Ғайратзода М.Х.
**E-mail** ***gairatzoda*****71@ inbox.ru**
**Моб. тел: (+992111201171)**

Имзои «Ғайратзода»-ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсус ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.
18.03.23 с

**Адрес:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
Тел.: (+992 37) 2214554, Сайт: www.tgpu.tj,E-mail: info@tgpu.tj.